Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 063-и
назди МД «Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(ш. Душанбе, Хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Автореферати пешниҳодшуда ба омӯзиши масъалаи рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд бахшида шуда, бо назардошти аҳаммияти соҳибкорӣ дар ташаккули шуғл ва рушди иқтисодии минтақа аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф масъалаи таҳқиқотро дар пайванди соҳибкорӣ, бозори меҳнат ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мавриди омӯзиш қарор додааст. Интихоби вилояти Суғд ҳамчун объекти таҳқиқот имкон фароҳам овардааст, ки хусусиятҳои минтақавии масъала ба таври мушаххас баррасӣ шаванд.

Дар автореферат муаллиф пайдарҳамии муайяни таҳлилро риоя намуда, аз баррасии заминаҳои назариявию методии соҳибкории занон ба таҳлили вазъи воқеӣ ва сипас ба муайян намудани самтҳои рушди минбаъда гузаштааст. Чунин сохтори таҳқиқот барои пайвастани натиҷаҳои назариявӣ бо масъалаҳои амалии минтақа мусоидат менамояд.

Ҷиҳати қобили тавваҷҷуҳи таҳқиқот он аст, ки муаллиф масъалаи соҳибкории занонро танҳо ҳамчун фаъолияти мустақили иқтисодӣ баррасӣ накарда, онро бо масъалаи таъмини шуғл ва иштироки иқтисодии занон алоқаманд менамояд. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ таърифи муаллифии мафҳуми «соҳибкории занон» пешниҳод гардида, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва рушди он ба инобат гирифта шудаанд.

Дар автореферат натиҷаҳои таҳлили вазъи соҳибкории занон дар вилояти Суғд оварда шуда, ба хусусиятҳои демографӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва имконияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Муаллиф

инчунин робитаи байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занонро мавриди таҳлил қарор додааст. Ин мавқеъ барои ошкор намудани нақши соҳибкорӣ дар истифодаи захираҳои меҳнатии минтақа муҳим мебошад.

Натиҷаи дигари муҳими таҳқиқот таҳияи маҷмӯи пешниҳодҳо оид ба такмили дастгирии соҳибкории занон мебошад. Муаллиф ба масъалаҳои беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, баланд бардоштани саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир таваҷҷуҳ намудааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки ин пешниҳодҳо ба шароити воқеии соҳибкории занон дар минтақа иртибот доранд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф барои таҳқиқи масъала усулҳои гуногуни илмиро истифода бурда, аз маълумоти оморӣ ва манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ истифода кардааст. Дар автореферат саҳми шахсии довталаб дар интихоби масъала, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, таҳлили маводи ҷамъовардашуда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ нишон дода шудааст.

Дар баробари ин, ҳангоми омӯзиши автореферат чанд масъалаи баҳснок ба назар мерасад, ки метавонанд дар муҳокимаи кори диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд:

1. Баъзе пешниҳодҳои марбут ба рушди дастгирии молиявӣ метавонанд бо нишон додани меъёрҳои мушаххаси арзёбии натиҷабахшии онҳо пурратар гарданд.

2. масъалаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба интихоби фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби занон метавонад бо маълумоти иловагии эмпирикӣ боз ҳам амиқтар асоснок карда шавад.

Эродҳои зикршуда хусусияти илмӣ-тавсиявӣ дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро зери шубҳа намегузоранд ва бештар барои рушди минбаъдаи самти таҳқиқот аҳаммият доранд.

Дар маҷмӯъ, автореферати Набизода Маҳфуза Раҳмат аз рӯйи мазмун масъалаи муҳимми иқтисодиро фаро гирифта, дорои натиҷаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии марбут ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд мебошад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда бо самти ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) алоқаманд

буда, масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, омилҳои таъсиррасон ва механизмҳои дастгирии фаъолияти соҳибкориро дар бар мегиранд.

Бо дарназардошти мазмуни таҳқиқот, сатҳи таҳияи масъала, натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ, автореферати диссертатсияи ба талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он Набизода Маҳфуза Раҳмат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) метавонад тавсия карда шавад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
Кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди
миллии АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Аҳмадбекова Н.М.**

Имзои н.и.и., дотсент Аҳмадбекова Н.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Кӯчаи Саид Носир 33
Тел: (992) 92 807 7555;
E-mail: nigora.akhmadbekova02@gmail.com